**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Х. ____________

«22» ____________ 2023 с.

**ХУЛОСАИ**

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Кори диссертатсионии Асламов Бахтовар Раҷабалиевич дар мавзӯи «Хусусиятҳои такомули омилҳои геоэкологии қисми марказии минтақаи Кӯлоб дар шароити тағйирёбии иқлим ва фаъолияти антропогенӣ» дар кафедраи геология ва менеҷменти маъдану техникаи факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар марҳилаи омода намудани кори диссертатсионӣ Асламов Бахтовар Раҷабалиевич ба ҳайси ассистенти кафедраи геология ва менеҷменти маъдану техникаи факултети геология фаъолият намудааст.

Асламов Б.Р. факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро соли 2017 аз рӯи ихтисоси «Иқтисод ва идоракунии саноати кӯҳкорӣ ва геологӣ-иктишофӣ» хатм намудааст. Солҳои 2019 ва 2021 курси такмили ихтисосро дар Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (дипломҳо №2190 аз 30.01.2019 ва №336 аз 06.02.2021) гузаштааст.

Роҳбари илмӣ – сарходими илмии Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои геология ва минералогия, профессор Валиев Шариф Файзуллоевич.

Пас аз дида баромадани диссертатсияи унвонҷӯй дар мавзӯи «Хусусиятҳои такомули омилҳои геоэкологии қисми марказии минтақаи

Кӯлоб дар шароити тағйирёбии иқлим ва фаъолияти антропогенӣ» чунин хулоса бароварда шуд:

**1. Маълумот оид ба тасдиқи мавзӯъи кори диссертатсионӣ**

Мавзӯъи кори диссертатсионии Асламов Бахтовар Раҷабалиевич дар Шурои олимони факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, суратҷаласаи №3 аз 05.12.2020 тасдиқ гардида, роҳбари он доктори илмҳои геология ва минералогия, и.в. профессор Валиев Ш.Ф. таъин карда шудааст.

**2. Иштирок ва саҳми муаллиф барои натиҷаҳои гирифташудае, ки дар диссертатсия баён шудаанд**

Истифода намудани усулҳои таҳқиқот аз қабили: таҳлили кимиёии оби обанбори Селбур ва дарёи Қизилсу, таҳлили гумуснокии гилҳои зериобии обанбори Селбур бо мақсади ҷори намудани нерӯи ҳосилшавандаи маҳаллӣ аст;

Тартиб додани нақша ва харитаҳои муҳандисӣ-геологӣ ва геоэкологии минтақа дар миқёсҳои гуногун: сохтори геологии пастхамии Ёхсу, геоморфологӣ, муҳандисӣ-геологӣ, хавфҳои техногенӣ, арзёбии хавфҳои табиӣ ва типикунонии онҳо, буриши геологӣ ва динамикаи лойғуншавии обанбори Селбур, усули бартараф намудани обполоишии зерқабати обанбори Селбур, сементкунонии фаворавӣ, барқарорсозии заминҳои минтақа бо усули коррезӣ (нерӯи маҳаллии ҳосилшуда).

**3. Дараҷаи мӯътамад будани натиҷаҳои таҳқиқот**

Кафедраи геология ва менеҷменти маъдану техникаи факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон чунин мешуморад, ки тафсири назариявӣ, маводи дар амал дастрастшуда ва хулосаҳои дар рисолаи Асламов Б.Р. дарҷшуда, аз нуқтаи назари илмӣ асоснок карда шудаанд ва рисола кори тадқиқотии илмӣ ба анҷомрасида ҳисобида мешавад. Кори мазкур бо назардошти натиҷаҳои тадқиқоти муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, муқоиса ва асоснок карда шуда, натиҷаҳои он таҳлил ва коркард шудааст.

**4. Муҳиммияти таҳқиқот**

Таҳқиқоти махсуси муҳандисӣ–геологӣ ва геоэкологии гузаронидашуда дар минтақаи Кӯлоб, бинобар сабаби шароити ғайримуқаррарии гидрометеорологӣ миқдори зиёди хавфи геоэкологии табиӣ, аз қабили ярчфаройӣ, селоӣ, чаппашавӣ, эрозияи заминҳо, ботлоқшавӣ, фурӯнишинӣ, ғорпайдошавӣ, лойғуншавӣ ва ғайра ба қайд гирифта шуданд, ки оқибати ин хавфҳо ба маҳалҳои аҳолинишин, корхонаҳои саноатӣ, роҳҳои автомобилгард ва дигар иншооти ҳаётан муҳим таҳдиди ҷиддӣ ба миён меорад.

Системаҳои обёрӣ дар баъзе минтақаҳо корношоям гашта, чандин маҳаллӣ аҳолинишин хароб, инчунин талафоти ҷонии одамон ба қайд гирифта шуданд.

**5. Навоварӣ ва аҳамиятнокии амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

Аҳамиятнокии рисола дар он аст, ки аввалин маротиба хусусиятҳои шароити муҳандисӣ– геоэкологии минтақа ошкор карда шуданд. Хусусиятҳои рушди равандҳои муҳандисӣ–геоэкологӣ ҳангоми фаъолияти техногенӣ муқаррар гардидаанд.

Бори нахуст хавфҳои геоэкологӣ вобаста ба фаъолияти техногенӣ арзёбӣ шуданд.

Аввалин маротиба харитаҳои типикунонӣ ва арзёбии хавфҳои геоэкологии минтақаи Кӯлоб тартиб дода шуданд.

Бори аввал тадбирҳо ва тавсияҳо оид ба паст намудани таъсирбахшии хавфҳои геоэкологӣ ва техногенӣ таҳия карда шуданд.

**6. Тавсияҳо ба истеҳсолот**

1. Беҳбуд бахшидан ба сифати ҷараёни оби обанбор ва дарёи Қизилсу бо роҳи ҷорӣ намудани иншооти гидротехникӣ, дар қисмати 22 км.

2. Мустаҳкамкунии соҳилҳои обанбори Селбур аз ҷаббиш ва полоиши обҳои зерқабати бо усулҳои инексикунонии фавворавӣ (сементкунонӣ) ва геомембранаҳои тамғаи «Славрос».

3. Баркарорсозии заминҳои эрозияшудаи соҳили дарёи Қизилсу бо усули коррезӣ (нерӯи нави ҳосилшаванда).

Ҷорӣ намудан ва амалисозии маҷмӯи чорабиниҳои геоэкологии пешниҳодшаванда фаъолияти самарабахши иншооти гидротехникии минтақаро таъмин намуда, самаранокии иқтисодии хоҷагиҳои деҳқонии минтақаро дучанд менамояд.

**Феҳристи корҳои чопшудаи муаллиф доир ба мавзӯи диссертатсия**


1. Валиев Ш.Ф., **Асламов Б.Р.** Таснифи шароит ва хусусиятҳои вайроншавии хокҳои агломератсияи Кулоб // Маҷаллаи «Илм ва инноватсия. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ». Душанбе, соли 2020, №4 С. 40–48.

2. Валиев Ш.Ф., **Асламов Б.Р.**, Исфандиёри А. Омузиши равандҳои геологӣ ва таҳқиқотҳои муҳандисӣ–геоэкологӣ дар сохтмон ва азнавсозии роҳи автомобилгарди Данғара–Темурмалик // Маҷаллаи «Илм ва инноватсия. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ». Душанбе, соли 2021, №1 С. 45–54.

3. Валиев Ш.Ф., **Асламов Б.Р.**, Шодии Бек, Исфандиёр А. Баъзе тавсияҳо оид ба коҳиш ва пешгирии хавфҳои геологӣ ҳангоми сохтмон ва азнавсозии роҳи автомобилгарди Данғара–Темурмалик // Маҷаллаи «Илм ва инноватсия. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ». Душанбе, соли 2022, №1 С. 67–74.

4. Валиев Ш.Ф., **Асламов Б.Р.**, Набиев Н.Ф. Шароити муҳандисӣ–техникии обанбори Селбур ва чорабиниҳо оид ба рафъи хатарҳои геоэкологӣ // Маҷаллаи «Кишоварз. Бахши илмҳои техникӣ». Душанбе, соли 2022, №3 С. 117-122.

5. Каримов А.А., Андамов Р.Ш., **Асламов Б.Р.**, Назаров Ҷ. Инженерно-геологическая оценка и типизация георисков, связанных с экзогеодинамическими процессами в бассейна реки Зеравшан // Маҷаллаи «Илм ва инноватсия. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ». Душанбе, соли 2019, №1 С. 151–157.

6. **Асламов Б.Р.,** Махмадалиев Ф.Н., Муродов Дж.С., Исматов Х.Б. Некоторые экологические аспекты энергетического освоения водных ресурсов в сложных инженерно-геологических условиях бассейна реки Вахш

// Маҷаллаи «Илм ва инноватсия. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ». Душанбе, соли 2019, №2 С. 41–47.

7. Кодиров А.А., **Асламов Б.Р.,** Асадуллоев К. Организация геодезической службы Таджикистана на современном этапе // Маҷаллаи «Илм ва инноватсия. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ». Душанбе, соли 2020, №2 С. 15–18.

8. **Асламов Б.Р.,** Кароматулло Ю., Асадуллоев К.Р., Холмирзоев М.А. Тағйирёбии иқлим ва таъсири корхонаҳои саноатӣ ба муҳити зист // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯъи «Муаммоҳои пайдоиши конҳои кандании фоиданоки эндогенӣ», (16–уми феврали соли 2021) Душанбе, соли 2021, С. 33–37.

9. **Асламов Б.Р.** Маҷмуаҳо ва зинаҳои сохтории тектоникаи пастхамии Ёхсу / Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Масоили геологияи муҳандисӣ, гидрогеология, гидрология ва коркарди конҳои кандании фоиданоки Тоҷикистон ва ҳудудҳои ҳамсарҳад», бахшида ба 80-солагии корманди шоистаи Тоҷикистон Комилов О.К., (25-уми феврали соли 2022), Душанбе, соли 2022, С. 169–175.

**7. Мувоффиқ будани диссертатсия ба ихтисос**

Иштирокчиёни ҷаласаи кафедраи геология ва менеҷменти маъдану техникаи факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон рисола ва маводи ба он дахлдошта пешниҳодшударо муҳокима намуда, чунин мешуморанд, ки кори диссертатсионии Асламов Б.Р. ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯи ихтисоси 25.00.36-Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат пешниҳод карда шавад.

Вобаста ба кори диссертатсионии худ Асламов Бахтовар Раҷабалиевич 9 маводи чопӣ; аз он ҷумла: 7 мақола дар маҷаллаҳое, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидааст ва 2 мақола дигар дар конференсияҳои гуногуни сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ омода намудаву, ба чоп расонидааст.

Кори диссертатсионии мазкур дар доираи нақшаи нақшаи КИТ-и кафедраи геология ва менеҷменти маъдану техникаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Геология, стратиграфия, арзёбии геологӣ-иқтисодии минтақа ва хусусиятҳои муҳандисӣ-хоҷагӣ, табдилёбии муҳити геологии Тоҷиккистон» (ҚД 0116TJ00655) анҷом дода шудааст.

**Қарор қабул карда шуд:** кори диссертатсионии Асламов Бахтовар Раҷабалиевич дар мавзӯъи «Хусусиятҳои такомули омилҳои геоэкологии қисми марказии минтақаи Кӯлоб дар шароити тағйирёбии иқлим ва фаъолияти антропогенӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯи ихтисоси 25.00.36-Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат ба ҳимоя пешниҳод шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи геология ва менеҷменти маъдану техникаи факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа иштирок намуданд: 12-нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 12 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

Суратмаҷлиси №9/2 аз 18-уми майи соли 2023

Хулосаи кафедраи геология ва менеҷменти маъдану техникаи факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар маҷлиси васеъ қабул карда шуда аст.

Иҷрокунандаи вазифаи мудири
кафедраи геология ва менеҷменти маъдану
техника, н.и.г.-м., муаллими калон: Қодиров А.А.

Котиб: Бобозода П.

Имзоҳои Қодиров А.А. ва
Бобозода П.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

22.05.2023